“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”:
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара, доктори илмҳои
иқтисодӣ, профессор
__________ Ҳайрзода Ш.
“13” 03 соли 2025

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи “Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей - донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода менамояд ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Автореферат пурра муҳтавои диссертатсияро дарбар гирифта, ба натиҷаҳои асосӣ, ки дар бобҳо ва зербандҳои таҳқиқоти диссертсионӣ дарҷ гардидаанд, мутобиқат менамоянд

**Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ** Мубрамии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда иборат мебошанд. Дар баробари ин, аз ҷониби таҳқиқотчӣ барномаи таълими муттасил пешниҳод гардида, бо мақсади баланд бардоштани донишу таҷрибаи баланди мутахассисони оянда дар зинаҳои литсей-донишгоҳ амалӣ карда шудааст.

Таҳқиқотчӣ ташкили таълими муттасилиро дар зинаҳои литсей-донишгоҳ яке аз тадбирҳое меҳисобад, ки барои зина ба зина дар сатҳи зарурӣ омода намудани мутахассисони оянда мусоидат мекунад. Ба ғайр аз ин ӯ иброз доштааст, ки дар асоси муносибати ҳадафмандона ба

таълим масъалаи ҷалби хонандагону донишҷӯён ба омӯзиши донишҳои иқтисодӣ зиёд гардида, тайёрии онҳо ба худомӯзӣ, талабот барои ҳосил намудани донишҳои нав ва эҳсоси мустақилӣ зиёд мегардад.

Ҳамзамон дар рисола зимни баррасии самтҳои гуногуни самараноки таълими муттасил дар байни зинаҳои таҳсилот маводҳои зиёди назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар асоси таҳқиқотҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ташкили чунин усули кор ба самарабахш гардидани донишазхудкунӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии хатмкунандагони литсей ва донишҷӯёни донишгоҳи олии касбӣ шароити созгор фароҳам меоварад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки муаллифи рисола ҳангоми таҳқиқот мушкилотҳоеро, ки дар таълими фанни иқтисодиёт ва ташкили интихоби касб дучор мегарданд, ошкор намуда дар баробари таҳлил, муқоиса ва ҷамъбасти афкори илмии мавҷуда, ақида ва тавсияҳою пешниҳодҳои тозаи худро баён намудааст. Аз ҷумла, ташкили муттасили таълимро муаллиф дар он самаровар ҳисобидааст, ки хатмкунандагони литсей имкон пайдо мекунанд, дар чорабиниҳои донишгоҳ, аз ҷумла дар озмоишгоҳ, дар мубоҳисаҳои илмӣ, дар сайёҳатҳо ба корхонаҳои хурду калони саноатии шаҳр иштирок намуда, донишу таҷрибаи баланд мегиранд.

Дар баробари ин Гулмаҳмадов С. зимни таҳқиқоти диссертатсионии худ ба рушди дониш ва касбазхудкунӣ дар зинаҳои литсей ва бахши аввали донишгоҳ, раванди муттасилии таълимро самти дуруст ва ҳадафмандона ҳисобидааст. Ҷиҳати самаранок ба анҷом расонидани давраи омодагии интихоби касби хатмкунандагони литсей, мониторинги сифати таълими онҳо, амсилаи самарабахши меъёри баҳогузоро, ки дар ҳамкорӣ бо мутахассисони ин зинаҳо сурат мегиранд, муҳим ва зарурӣ азёбӣ намудааст.

Ҳаминро ҳам ба инобат бояд гирифт, ки Гулмаҳмадов С. таҳқиқоти илмии худро бо назардошти талаботи консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.01.2017 тасдиқ шудааст, ба роҳ мондааст. Консепсияи мазкур ба шаҳрвандони мамлакат барои омӯзиш дар тамоми тули ҳаёт мусоидат намуда, муттасилии таълимро дар зинаҳои таҳсилот ва баъд аз он таъмин хоҳад сохт.

Муаллифи рисола дуруст таъкид кардааст, ки ҳадафи муҳими тағири сифати таълим бо донишҳои мукаммал ва ҷаҳонбинии васеъ таъмин намудани хонандагону донишҷӯён мебошад то, ки онҳо дар рушди иқтисодиёти мамлакат ҳиссагузор шаванд. Дар ин самт дарёфт,

таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва рушд додани қобилиятҳо махсусан дар самти омӯзиши фанҳои дақиқ таваҷҷуҳи бештар дода мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки муаллифи рисола ҳангоми таҳқиқот ба мушкилотҳое, ки дар таълими фанни иқтисодиёт ва ташкили чорабиниҳои беруназдарсӣ дучор мегарданд, нигоҳҳои мухталифро ба қайд гирифта, дар натиҷаи таҳлил, муқоиса ва ҷамъбасти афкори илмии мавҷуда ақида ва тавсияҳою пешниҳодҳои тозаи худро пешниҳод намудааст. Аз ҷумла: ташкили муттасили таълимро муаллиф дар он самаровар медонад, ки дар раванди ҳамкории байни мутахассисони зинаҳои таҳсилот хатмкунандагони литсей имкон пайдо мекунанд дар чорабиниҳои донишгоҳ, аз ҷумла дар озмоишгоҳ, дар мубоҳисаҳои илмӣ, дар сайёҳатҳо ба корхонаҳои хурду калони саноатии шаҳр иштирок намуда, донишу таҷрибаи баланд мегиранд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Диссертатсияи мазкур ба яке аз масъалаҳои камомӯхташудаи таълим–методикаи таълими муттасил бахшида шудааст. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат адабиётҳои илмӣ–методӣ, педагогӣ, равоншиносӣ, илмӣ–таълимӣ, ки ба мавзуи таълими муттасил марбут ҳастанд, таҳия шудаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар таҳқиқоти олимони дохилу хориҷи кишвар оиди ташкили таълими муттасилӣ дар муасисаҳои таълимӣ як қатор масъалаҳои бо ҳам мухолифро дучор шудан мумкин аст. Вобаста ба ин, ба омӯзиш ва таҳлили таҳқиқоти олимоне, ки ба муттасилии таълим таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, бештар диққат дода шудааст. Лозим ба ёдоварист, ки дар рисолаи мазкур амсила ва барномаи ташаккули омодагии мутахассисони оянда дар доираи муттасилии таълим коркард гардида, ҳадафҳо, талаботҳо, ҷанбаҳои сохторӣ, шароит ва технологияи татбиқи онҳо ҳаллу фасл шудааст.

Бо мақсади бо усулҳои наву замонавӣ ва шавқовару диққатҷалбкунанда ташкилу баргузор намудани машғулиятҳо ва чорабиниҳои ҷанбаи иқтисодидошта аз ҷониби таҳқиқотчӣ намунаи чунин машғулиятҳо пешниҳод гардидаанд. Аз ҷумла: ташкили дарс бо усули холгузорӣ, марафони иқтисодӣ, ташкили бозор дар дарс ва ғайраҳо. Ба сифати меъёрҳои омодагии мутахассисони оянда таҳқиқотчӣ дастурҳои муҳимро оид ба омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи бой ва рангини мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик тавсия додааст. Дар ин самт таҳлили осори донишмандону мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик аз тарафи Гулмаҳмадов С. гузаронида шуда, доир ба аз худ намудани таҷрибаи бойи иқтисодӣ ба монанди: тасвири

масъалаҳои иқтисодӣ, баёни фазилатҳои хуби инсонӣ, некию накӯкорӣ, ҳимматбаландию сариштакорӣ, омӯзиши касбу ҳунар, ташкили хоҷагии хонагӣ, тарзу усулҳои тиҷорат, харидани манзил ва замин, ҷамъ овардани мол, нигоҳ доштани амонат, маслиҳат дар хусуси тақсими даромад, андӯхти амвол ва маблағ маълумотҳо ҷамъ оварда шудаанд, ки ба баланд гардидани донишу таҷрибаи мутахассисони оянда мусоидат хоҳанд кард.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба мавзуъ дар пажӯҳиши мукаммали таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ, дар гирдоварӣ ва таҳлили маводҳои илмӣ; дар истифода ва омӯхтани усул ва методҳои ба мавзуъ алоқаманд, дар заминаи корҳои таҷрибавӣ ва мушоҳидавии машғулиятҳо тартиб додани ҷадвалҳо оиди нишондиҳандаҳои таълимгирандагони зинаҳои таҳсилот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, дар пешниҳод намудани мақолаҳо ба чорабиниҳои илмӣ, аз ҷумла конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ ва таҳияи диссертатсия инъикос ёфтаанд.

Аҳаммияти таҳқиқоти диссертатсионии Гулмаҳмадов Салоҳиддин он аст, ки бо дарназардошти талаботи замони муосир барои ташаккули сифатҳои касбии таълими иқтисодӣ дар раванди раванди таълими муттасилӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ дар заминаи Стратегияи миллии рушди таҳсилот то давраи соли 2030, ки дар низоми таҳсилоти кишвар, махсусан, вобаста ба дар таълим ба вуқуъ омаданд, коркард ва пешниҳод шудааст.

Муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимро ба монанди: ҷустуҷӯ, муайянсозӣ ва асоснокунии роҳу усулҳои самараноки ташкили сифати таълим пешниҳод намудааст.

**Фарзияи таҳқиқот:**

1. Омӯзгорон метавонанд, донишҳои баланди иқтисодиро ба хонандагону донишҷӯён ба таври кифоягӣ таъмин намоянд, агар дар як раванд фаъолият намуда, тибқи барномаи таълими муттасилӣ фаъолият намоянд.

2. Ташкили таълими муттасил дар байни литсей ва донишгоҳи олии касбӣ яке аз тадбирҳое мебошад, ки муттахассисони оянда зина ба зина дар сатҳи зарурӣ барномаи таълимиро аз худ намуда, бо омодагии қаноатбахш ба зинаҳои минбаъда гузаранд.

3.Ташкили таълими муттасил ҳамкории доимии байни омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (литсейҳо), миёнаи махсус ва муассисаи олии касбиро фароҳам меоварад.

4. Омодасозии касбии хонандагон бо ташкили ҳамкории байни литсей ва донишгоҳ имконият медиҳанд, ки сатҳи азхудкунии дониш ва таҷрибаи шогирдон баланд гардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дар диссертатсияи худ Гулмаҳмадов С. роҷеъ ба навгониҳое, ки дар рафти таҳқиқоти мавзуи илмии худ ба даст овардааст, маълумот додааст.

Чуноне, ки дар боло қайд гардид, бори аввал роҳандозии раванди муттасилии таълим ба нақша гирифта шудааст.

Чизи дигари ҷолиб ин аст, ки бо амалӣ гардидани рисола ҳамкориҳои ду муассисаи таълимӣ дар омода намудани мутахассисони ботаҷрибаи донишу таҷрибаи баланди касбидошта ба роҳ монда мешавад.

Барои ташкили роҳу усулҳои муосир, аз ҷумла: ба монанди ташкили дарс тариқи холгузорӣ , бо ташкили мубоҳисаҳои илмӣ аз рӯйи мавзуъҳои барномаи таълимӣ, ташкили бозӣ ва озмунҳои мазмуни иқтисодидошта ва ғайраҳо тадбирҳои мушаххаси амалӣ андешидааст.

Меъёрҳои баҳодиҳии дараҷаи дониши хонандагону донишҷӯён ҳангоми роҳандозии таълими муттасил дар зинаҳои таҳсилот муқаррар гардидаанд, ки аз рӯйи онҳо ҳаҷми донишҳои азхудшуда, фаъолнокӣ, суръати донишазхудкунӣ, дурустии амалҳои иҷрошуда, маълумоти пурра додани донишҷӯ, маҳорати иҷрои кор ба инобат гирифта мешаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертасия зикршуда.**

Аз хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи Гулмаҳмадов С. мо чунин натиҷаҳо баровардем:

1. Дар хонандагон таваҷҷуҳи зиёд нисбати фанни иқтисодиёт зиёд шуда, дараҷаи донишазхудкуниашон беҳтар гардид.

2. Шумораи хонандагоне, ки касбҳои самти иқтисодидоштаро интихоб кардаанд, афзоиш ёфта, омодагиашон ба як самт беҳтар гардид.

3. Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар омода намудани хатмкунандагони литсей барои ноил гардидан ба ҳадафҳо ҷой доштанд, бартараф карда шуданд, яъне дар анҷоми соли таҳсил ҳамаи

хатмкардагони литсей касбҳои худро бо пуррагӣ ва омодагӣ интихоб карда буданд.

4. Дар байни кормандони зинаҳои таҳсилот ҳамкориҳо ҷиҳати ташкилу баргузор намудани дарсҳои кушод, мусобиқаҳои саволу ҷавоб, озмунҳои шавқовари мазмуни иқтисодидошта, ташкили саёҳатҳо ба корхонаҳои саноатии шаҳри Душанбе ва гирду атрофи он ва дигар чорабиниҳои аз рӯйи барнома банақшагирифташуда, амалӣ карда шуданд.

5. Таҳлили педагогӣ, психологӣ ва методии фаъолияти таълимии хонандагон аз ҷониби муаллиф имкон дод, ки баъзе паҳлуҳои норавшани усулҳои корбарӣ бо хатмкунандагон ва омодакунии онҳо ба зинаҳои баъдии таҳсилот ошкор ва имконияти самаранокии таълими инкишофёбанда таъмин сохта шавад.

6. Мушоҳидаҳои давраи таҳқиқот нишон доданд, ки ташкили дарсҳои мазмуни иқтисодидошта дар синфҳои ибтидоӣ амри воқеист, зеро ин тадбир ба онҳо дар зинаҳои баъдӣ барои аз худ намудани донишҳои иқтисодӣ замина хоҳанд гузошт.

7. Ҳангоми озмоишҳо мо муайян сохтем, ки дар раванди муттасилии таълим дар синфҳои хатмкунандаи Литсейи донишгоҳи тиҷорат сафи хатмкунандагоне, ки соҳаи иқтисодиётро интихоб намуда, ба донишгоҳу донишкадаҳои олии иқтисодӣ хоҳиши дохил шудан доранд, хеле афзоиш ёфтааст. Ин натиҷаҳо дар ҷадвали боби 2-и диссертатсия нишон дода шудаанд.

8. Натиҷаи бадастовардаи аз ҳама муҳим он аст, ки дар раванди муттасилӣ меъёри баҳои хонанда риоя карда шавад, зеро худи низоми мавҷуда хонандаро водор месозад, ки дар ҷӯстуҷӯи илм ва омузиши он фаъол бошад. Меъёрҳои баҳодиҳии донишҳо омодагии иқтисодии донишҷӯён, рақобатпазирии дониш ва малака, дараҷаи азхудкунии дониш ва ташаккули малакаро дар бар мегирад. Диаграммаҳои дар боби 2 нишон- додашуда натиҷаҳои баёншударо тасдиқ менамоянд.

9. Низоми муттасилии таълим ҳамкориии муассисаҳои таълимиро бо падару модарони хонандагону донишҷӯён ва аҳли ҷомеа тақвият бахшида, самаранокии таълимро таъмин менамояд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот:** Натиҷаҳои таҳқиқотро омӯзгорон метавонанд дар амалӣ сохтани тадбирҳои зерин истифода баранд:

– дар таълими фанни иқтисодиёт;

– дар ташкили ҳамкории байни омӯзгорони зинаҳои таҳсилот бо риояи таълими муттасил;

– дар истифода бурдани роҳу усулҳои пешниҳодгардида ҷиҳати самаранок гузаронидани дарсҳо;

–дар таҳияи дастурҳои методӣ, воситаҳои таълими ёрирасон, таҳияи барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои корӣ дар таҳсилоти иқтисодӣ;

Натиҷаи омӯзиш метавонанд, дар шакли мақолаҳои илмӣ, илмию педагогӣ барои унвонҷӯён ва докторантон барои навиштани рисолаҳои тахассусӣ хизмат намояд;

Натиҷаҳои кор барои омӯзгорони фанни иқтисодиёти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (литсейҳо) дастури зарурӣ хоҳад буд;

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур барои ташкили ҳамкории байни кормандони зинаҳои таҳсилот ҳамчун дастури методӣ истифода хоҳад шуд.

Аз ин лиҳоз, андешаҳои баёншудаи унвонҷӯй Гулмаҳмадов Садоҳиддин қавӣ ва боэътимоду аз нигоҳи илмӣ асосноканд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҳаҳои таҳқиқот аст.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, махсусан мантиқи фикрронӣ қобили қайд ва эътироф аст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои мувофиқи озмоиш ва методологияи мувофиқ аз манбаъҳои гуногун бадастомада, маълумоти омории озмоишӣ, иштирок ва назорати шахсии муаллиф дар раванди корҳои озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба таҳқиқотҳои дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ бо натиҷаҳои бадастомада ва ниҳоят дар иртибот бо маълумоти таҳқиқотҳои дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланд таҳия гардида, комилан ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф пеши назар меорад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи Гулмаҳмадов С. дар мавзуи “Таълими иқтисодии муттасилӣ дар зинаҳои литсей -донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он” кори таҳқиқотии мустақилона илмию тахассуси буда, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобҷӯ буда, муаллифи он Гулмаҳмадов Салоҳиддин ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ арзанда мебошад.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ орӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Дар рисола оид ба ташкили сайёҳати хонандагони литсей ва донишҷӯёни бахши аввали донишгоҳ ба марказҳои савдо ва корхонаҳои хурду калони саноати шаҳри Душанбе фикру андешаҳои ҷолиб баён карда шудааст, вале аз таҳлили анҷоми онҳо маълумотҳо мушоҳида нагардид. Дар ин бобат унвонҷӯй метавонист фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси муваффақият ва камбудиҳои масъалаи мазкур дар проблемаи таҳқиқот баён намояд.

2. Хуб мебуд агар дар рисола оид ба таҷрибаи пешқадами мактабҳои олии кишварҳои беруни Тоҷикистон бобати проблемаи таҳқиқ андешаронӣ мешуд, зеро бесабаб нагуфтаанд: ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад.

3. Дар матни диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозад.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи “Асосҳои педагогии тишаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01. − Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Данғара” Рустами Абдуҷаббор мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психология Донишгоҳи давлатии Данғара, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Гулмаҳмадов Салоҳиддин иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 15 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психология аз 13.03.2025, №8).

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи педагогика
ва психология Донишгоҳи давлатии Данғара,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент — Ғафурова Д.Ҷ.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
муаллими калони кафедраи педагогика ва
психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара,
номзади илмҳои педагогӣ — Рустами А.

Котиби ҷаласаи васеи
семинари илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
муаллими калони кафедраи
педагогика ва психология — Садирова Ҷ.Ш.

Маълумот барои тамос: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Маркази 25; Тел: +992 833122-28-06, +992 934337676; E-mail: dddangara 2013@mail.ru, Dilorom.gafurova.76@mail.ru; www.dsu.tj

13-уми марти соли 2025

“Имзои Ғафурова Д.Ҷ., Рустами А. ва Садирова Ҷ.Ш.-ро тасдиқ мекунам”.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ –и
“Донишгоҳи давлатии Данғара ____________ Тоирзода С.Т.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА • ШУЪБАИ КАДРҲО